ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

# ЧИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН

**О. Қ. Мирзораҳимов**
Муаллими калони кафедраи “Амалиёти назарияви”-и синфҳои ибтидоии институти педагогии давлатии шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд

**М. Шукуруллоев**
Талабаи курси 2-юми факултети “Таълими синфҳои ибтидоӣ”

## АННОТАЦИЯ

Дар мақола дар бораи чистон ,тарзи ба вуҷуд омадани чистонҳо дар асрҳои гузашта маълумот дода мешавад.

**Калимаҳои калити:** чистон, эҷодиёти даҳанакии халқ, матал, ёфтанак, ғаввестак, шуг.

## МУҚАДДИМА

Истилоҳи « чистон » аслан аз ибораи « чист он ? » , ки дар ин шакли гуфтор фикру матлабе пинҳон аст , гирифта шудааст ва маънии он тасвири маҷозии аломату хусусиятҳои гуногуну рангоранги предмету ҳодисаҳои зиндагӣ мебошад . Чистон аз савол ва ҷавоб иборат аст . Дар қисмати савол сурати маҷозии предмету ҳодисаҳои зиндаги тавсиф шуда ва дар қисмати ҷавоб маънии аслии предмету ҳодисаҳо ифода меёбад . « Чистон , -таъкид менамояд Н. Маъсумӣ , - ҳамчун асари адабии эҷодиёти даҳанакӣ тасвири маҷозии ин ё он предмет ва ҳодисаест , ки дар асоси хусусиятҳои мазмунан мувофиқи байни ду ё як чанд предмети ноаён сохта мешавад , ки ба муаммо мубаддал мегардад ».

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДИКА

Аристотел дар « Риторика» ( « Илми маонӣ » ) ном асараш чистонеро оид ба қуттии тиббӣ мисол оварда , онро ҳамчун истиора шарҳ медиҳад . « Ман шахсеро дидам , ки оташро бо асал ба бадани одам часпонид ... Ин амалиёти ҷарроҳӣ дигар истилоҳе надошт , бинобар ин ҷараёни хун гирифтан часпонидан номида шуд . Ва умуман , аз чистони моҳирона тартиб додашуда истиораи хеле хубе сохтан мумкин аст » .

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

Дар ин таърифот моҳият ва маънии жанрии чистон равшан ифода ёфтааст . Ҷустуҷӯ ва мушоҳидаҳои илмӣ нишон медиҳад , ки истилоҳи «чистон» аз қадим боз дар фольклори тоҷик шӯҳрат дорад ва шаклҳои носуфтаи онро мо ҳанӯз дар порчаҳои боқимондаи « Авесто » , нақлу афсонаҳои гуногуни халқӣ ва қиссаву ҳикоятҳои « Ҳазору якшаб » дучор менамоем . Дар адабиёти хаттии то асри X тоҷик истилоҳи « чистон » ба ин шакл вонахӯрда , балки ба шакли саволҳои оддӣ вомехӯрад , ки дар ин хусус дар фасли дуйуми ҳамин боб сухан ронда мешавад .

Истилоҳи « чистон » дар баъзе мавзеъҳои тоҷикнишин ба ҳамин шакл маълум бошад ҳам , вале дар дигар мавзеъҳои аҳолинишин тоҷик бо калимаву мафҳумҳои гуногун интишор ёфтааст . Чунончи , дар байни тоҷикони Ленинобод , Самарканд ба шакли « матал » ,« матали меёфтагӣ » Бухоро « шуг » , « шуги меёфтагӣ» ва дар байни тоҷикони мавзеъҳои Кӯлоб « чистон » , Ғарму Дарвоз « чистун» , Ҳисор « чистон » , « ёфтанак » ва мавзеъҳои гуногуни Бадахшон « ғаввестак » ( чистон ) ва ғайра шӯҳрат дорад . Хусусияти ягонаву муштарак надоштан ва дар байни тоҷикон бо калимаву мафҳумҳои гуногун ифода ёфтани истилоҳи « чистон » , аз як тараф , хислати хоси эҷодиёти даҳанакии халқ бошад , аз тарафи дигар , ва асосан ба ҳодисаву воқеаҳои гуногуни зиндагӣ вобаста мебошад . Парокандагии ҳаёти феодалй , аз ҳам ҷудо зиндагӣ кардани мардуми тоҷик дар гузашта , имконият намедод , ки истилоҳи « чистон » дар ҳамаи мавзеъҳои аҳолинишин як хел ва баробар интишор ёбад . Аз ин ҷост , ки истилоҳи мазкур дар як мавзеъ ба шакли « матал » ва ё « ёфтанак » ва дар мавзеи дигари тоҷикнишин ба шакли «шуг» , « ғаввестак» ва амсоли инҳо паҳн гардидааст .

Калимаҳои « матал», « шуг», «ёфтанак » ва ғайра дар як қатор мавзеъҳои тоҷикнишин ба ҷои истилоҳи « чистон » фаҳмида ё кор фармуда шаванд ҳам , онҳо маънй ва хусусияти жанрии « чистон » -ро ифода намекунанд , зеро калимаҳои мазкур маҷоз ва ё мафҳуми сарпечеро дар замир надоранд . Мардуми тоҷик « шуғ » ва « матал » -ро бештар ба маънии «афсона» кор мефармояд , ва аз ин фаҳмидан мумкин аст , ки одамон хусусияти хоси « чистон » -ро нафаҳмида , «шуғ » ва « матал » -ро низ « чистон » номидаанд .

Истилоҳи « чистон » ва таърифи онро дар як қатор луғатҳо низ мушоҳида мекунем : « Чистон пурсиданӣ бошад ва онро луғз ҳам гӯянд ва ба араби ағлута хонанд ва ба маънии моҳият низ омадааст». « Ағлута - чизе ё сухане , ки ба он касеро дар ғалате ва ваҳме андозанд».

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

Сайид Нафисӣ ҳам истилоҳи « чистон » - ро шарҳ дода , ин тавр менависад : « Чистон - луғз , муаммо , чигунагӣ , хосият , кайфият , мохият ва зот » . Дар ягон маъхаз ё сарчашмаи илми зиёда аз ин дар бораи «чистон » маълумот дода намешавад .

Аз тарзи халқии оғозёбии « чистон » : « Чииай ки мерава- мерава пасша нигоҳ намекуна » ( Он чист , ки меравад - меравад , ба қафояш нигоҳ намекунад ) , « Чииайки худаш якта , чашмуш чилта » ( Он чист , ки худаш якта , чашмаш чилта ) , « Чииай , ки дар ҷар мерава ҷар намешава , дар об мерава тар намешава » ( Он чист , ки дар ҷар равад , ҷар намешавад , дар об равад , тар намешавад ) - « Маро хабар деҳ аз чизе , ки агар ӯро ба зиндон кунанд , зинда монад ва агар ба ҳаво кунанд , бимурад » ва ғайра ба хубӣ фаҳмидан мумкин аст , ки «чистон » маҳсули афкори халқ буда , тадриҷан дар охирҳои асри IX ва ибтидои асри X ба адабиёти хаттии тоҷик роҳ ёфтааст . Чистонҳои устод Рӯдакӣ , Мунҷики Тирмизӣ . Тоҳири Чағонӣ , Абулаълои Шуштариро беҳтарин чистонҳои адабиёти китобии асри X тоҷик - форс номидан мумкин аст .

Мисолҳои зикршуда равшан нишон медиҳанд , ки калимаҳои « он » ва « чист » ё худ « чист » ва « он » тадриҷан бо ҳам пайваст гардида , истилоҳи « чистон » -ро ба вуҷуд овардааст . Ва он бо мурури замон дар эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ва адабиёти китобии он ҳамчун истилоҳи адабӣ интишор ёфта омадааст .

Чистонҳои халқии тоҷикӣ дар натиҷаи меҳнат аз таҷрибаҳои бои офарандагони неъматҳои моддӣ ва маънавӣ - оммаи меҳнаткаш дар ҷараёни ҳаёт ва зиндагии чандинасра ба вуҷуд омадаанд . Шаклҳои оддӣ ва носуфтаи чистонҳои халқиро , чунон ки дар боло хотирнишон шуд , ҳанӯз дар навиштаҷоти қадима мушоҳида менамоем . Ҳикояти « Завракрон » ва мунозираи марди шуҷоъ ва донишманд бо соҳире дар «Авесто» » ва « Ҳазору як шаб » ин фикрро тасдиқ мекунанд .

Тоҷикон чистонро бештар дар фасли зимистон , шабона дар вақти шабкорӣ ва истироҳат эҷод мекарданд . Дар шабҳои дарози фасли зимистон авҷ гирифтани машғулияти чистонгуй ва чистонкушой сабаби муайян дорад . Мардум дар фаслҳои баҳор , тобистон ва тирамоҳ , аз яктараф , ба корҳои гуногуни саҳро банд бошанд , аз тарафи дигар , имконият доштанд , ки дар шабҳои баҳору тобистон ба бозиву вақт -хушиҳои дигар ( дастгиракон , чашмпӯшакон , ёб - ёбакон ва ғ . )

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

машғул шаванд . Бинобар ин мардум пас аз ба анҷом расидани кору бори саҳро чун расм дар шабҳои замистон ба афсонагуй ва чистонкушой машғул мешуданд .

Бидуни ин дар гузашта радио , театр , кино барин чизҳо вуҷуд надошт , ки оммаи васеи меҳнаткаш аз онҳо баҳравар гарданд . Аз ин рӯ шароити зиндагӣ мардумро водор менамуд , ки чистонгуй ва чистонкушой , афсона ва латифагуй карда , ғаму андӯҳи рӯзғорро бартараф намоянд ва доираи ҷаҳоншиносии худро инкишоф дода , ҷараёни меҳнати вазнинро сабук кунанд .

Тоҷикон дар мавридҳои чиллабарорӣ , ҳашар ва чамъомад ё маъракаҳое , ки бахри дилхуши ва ё иҷрои коре барпо мегардид , чистонгуй ва чистонёбӣ мекарданд . Чунончи , дар оилае , ки фарзанди нав таваллуд мешуд , чун одат ва эҳтироми якдигар духтар ё писари худро ҳар бегаҳ ба он хона мефиристоданд , то ин ки зани нав кудакёфтаро 40 - рӯза шудани фарзандаш нигоҳубин намоянд . Ин ҳолат махсусан дар оилаҳое, ки пиразан ва ё пирамарде надоштанд , бештар мушоҳида карда мешуд . Дар ин маврид ҷавонони касалбон дар гирди сандали ҷамъ омада , байни худ чистонгуй ва чистонёбӣ мекарданд , то ки хобашон набараду ба модари дардманду тифли навзоди он осибе нарасад .

Мардум барои тозаву ягона кардани пашм ва пахта ( аз пашм ҷӯраб , чакман , намад ва аз пахта матоъҳои либосвори тайёр мекарданд ) одамонро ба ҳашар даъват мекарданд . Дар ин ҷамъомад , ки иҷрои кор муттафиқона мегузашт , афсонаву чистонгуй ва чистонёби авҷ мегирифт .

Чистонгуй дар ин маврид , аз як тараф , фикру чаҳонбинии одамонро инкишоф диҳад , аз тарафи дигар , барои сабук намудани меҳнат ва ноаён гузаштани вақт кӯмак мерасонид .

Одамон ба мақсади тараб ва дилхушие дар ягон хонан ҳамсоя , аловхона ва ё меҳмонхонаи деҳоти худ чамъ шуда чистонгуй ва чистонкушой , латифа ва афсонагуй мекарданд .

Чистонгуй ва чистонёби тартиби муайян дорад ва ба шурӯъ шудани ин машғулияти аҷоиб асосан ҷавонон ташаббус нишон медоданд . Агар чистонгуй дар доираи як оила шурӯъ шавад , яке аз наберагон аз модаркалон ва ё бобои худ хоҳиш менамояд , ки чистоне гӯяд . Бобо ё модаркалон албатта хоҳиши онҳоро ба ҷо меовард.

Аз ин рӯ ҳар кас кӯшиш менамуд , ки аз дигарон пештар ҷавоб диҳад . Агар чистон душвор бошад , ҳозирон ба фикр гӯфта мехӯранд ва баъд ноилоҷ аз

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

гӯяндаи чистон нишонаҳои предмети пинҳон кардашударо ба тарзи савол мепурсанд . Саволҳо хеле гуногун ва ба аломатҳои мухталифи предмет дахлдор мешаванд : «Ҷондор аст ё бечон?» «Хӯрдани аст ё пӯшиданӣ ?» , «Ҳалол аст ё ҳаром ? » , «Ҳайвон аст ё одами зод ? » , «Хурд аст ё калон ? » , « Кӣ дорад , дар куҷохо мешавад ?» , «Дар ҳамин гирду гӯшаҳо ҳаст ё не?» ва ғайра диққати шунавандаро аз дур ба наздик , ба предметҳои хоҷагӣ ва рӯзгор ҷалб мекунад .

Қайд кардан лозим аст , ки тарз ва гаравдиҳии чистонгуии ҳозира ба тарз ва усули чистонгӯиву гаравдиҳии қадима шабоҳат дорад , фарқ танҳо дар ин аст , ки дар машғулиятҳои қадимаи чистонгуй шахси ғолиб ҳадя ва гаравро мегирифт.Дар чистонгӯии ҳозира бошад , ҳадя ё гаравро намедиҳанд , ки ин , албатта , ба аз байн рафтани мафҳум ва моҳияти иҷтимоии чистон вобаста мебошад .

Ҳамин факт шоҳиди ин фикр аст , ки мардум ба шахси ғолиб (додани шаҳру деҳоти худро) ба осонӣ ва зуд ба зимма намегиранд . Илова бар ин , гӯянда то даме ки гарав ва ҳадяҳоро нашунавад , ҳозиронро сарзанишу мазамат карда , онҳоро ба нодони ва кундзеҳнӣ гунаҳгор мекунад .

Пас аз қаноат ҳосил кардан аз гараву ҳадяҳои ваъдашуда вай ҷавоби чистонро арз мекунад ва чистони дигар мегӯяд . Аммо агар ҷавоби чистони ӯро ёфта бошанд , ҳамон шахси ёфтаги барои чистон гуфтан навбат мегирад .

Чунон ки мебинем , гӯянда бояд тамоми хусусияти предмету ҳодисаи дар чистон пинҳон кардашуда ва дар доираи васеъ хосияту нишонаҳои предмету ҳодисаҳои қиёсшавандаро донад . Дар он сурат ифодаи пӯшида ё ки маҷозе ба вӯҷуд меояд , ки чизи ноаён бо як чанд нишона ва сифатҳояш дар анбӯҳи ташбеҳот , кинояҳо ва истиораҳо пинҳон шуда мемонад . Ба чистонёбанда лозим аст , ки аввал ташбеҳҳо ва истиораҳоро кушояд , онҳоро ба предмет ва ҳодисаҳои дигар андоза намояд , баъд аз он объекти ноаёнро муайян созад . Ҳамин тавр , чистонгуй ва чистонёбӣ хеле вақт давом карда , ба як машғулияти аҷоиб ва шавқангезе табдил меёбад .

Чистонҳо ҳам ба тариқи назм ва ҳам ба тариқи наср ифода меёфтанд . Содда ва ё мураккаб будани чистонҳои манзум ва мансури гуфта мешудагии доираи ҷамъомад ба фаҳм ва ҷаҳоншиносии гӯянда вобаста буд . Дар давоми ин машғулият бисёр чистонҳои нав эҷод карда мешуд , зеро ёфтани чистонҳои маълум душворие ба миён намеорад ва барои шавқангез гардидани машғулият чандон ёрӣ намерасонид . Чистонгӯӣ ва чистонёбӣ доираи ҷаҳоншиносии

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

мардумро васеъ намуда , дар шароити тираву тори ҳаёти гузашта ба мардуми меҳнаткаш роҳат ва кайфияти махсус мебахшид .

Чистонгӯӣ ва чистонёбӣ одатан аз асбобу анҷоми хона , олотҳои меҳнат сар шуда , ба васфи аломату хусусиятҳои фалакиёт ва табиат анҷом меёфт .

Навъи дигари чистонгӯй чистон - булбулон аст . Чистон -булбулон як навъи оддитари чистонгӯӣ мебошад , вале фарқ танҳо дар он аст , ки ин машғулият бештар хоси бачагони хурдсол буд . Агар дар чистонгӯӣ ва чистонёбӣ аломату нишонаҳои предмету ҳодисаҳои зиндагӣ пинҳон дошта шавад ва ё маҷозан тавсиф ёбад , пас дар чистон - булбулон гӯянда шумораи марду зани деҳоту маҳаллаи худро фикран пинҳон медорад . Ёбанда дар ин ҷо кӯшиш мекунад , ки миқдори марду зани аҳли оилаи деҳаро аниқ муайян карда , ба ҳозирони машғулият арз намояд .

Дигарон хонаҳои деҳаашонро ягон - ягон ба хотир оварда , муайян мекунанд , ки саволдиҳанда аҳли оилаи кадом хонаро дар назар дорад . Касе ки шумораи марду зани хонаро дуруст муайян карда тавонад , ҳамон ба чистонгӯӣ навбат мегирад . Агар ёфта натавонад , ба чистонгӯӣ ( таслим шуда) шаҳр ва деҳа ё ягон чизи қимати дигарашро ба гарав медихад . Чистон - булбулон ба тариқи зайл шурӯъ мешавад : Дар ҷамъомади бачагон яке савол медиҳад :

Саволдиҳанда : -Чистон - булбулон ё чистон - булбулакон хонаи кӣ ? - Чанд авру ( зану ) чанд мард ? -мепурсанд дигарон . Саволдиҳанда миқдори марду зани хонаи ба назар доштаашро арз мекунад . Дар машғулияти чистон - булбулон низ шахси мағлубшударо бо суханони хаҷвомез сарзаниш ва мазамат менамоянд .

Машғулияти чистонгӯӣ ва чистонкушой ба мисли дигар анъана ва расму отдатҳои халқ дар ҳаёти гузаштаи мардуми тоҷик мавқеи калон дошт . Зеро ин машғулият ва анъ- анаҳо ба шароитҳои номусоид ва тоқатфарсои ҳаёти аҳли меҳнат алоқаманд буд . « Халқ - таъкид мекунад . Н. Маъсумӣ , дар ҳангоми кору истироҳат чистонгӯӣ ва чистонёбӣ карда , аз як тараф , меҳнати тоқатфарсои худро сабук менамуд , аз тарафи дигар , ба ин восита зиракӣ , хушёрӣ , нуктасанҷӣ , ҳозирҷавобӣ , хушзехнӣ ва ашёву предметҳои дар зиндагӣ мавҷуд бударо то чи дараҷа донистани якдигарро месанҷид ва доираи фикру назари худро такмил медод .

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-625-631

Чистонгӯй ҳамчун машғулияти худандармонкунии мардум аз байн рафта бошад ҳам , вале он ҳамчун воситаи нуқтасанҷӣ , ҳозирҷавобӣ , зиракӣ , ҳушёр ва хушзеҳни ҳануз қимати худро гум накардааст .

## ХУЛОСА

Ба ҳамин тариқ аз мавридҳои чистонгӯӣ ва чистонёбии зикршуда , ҳаҷву сарзаниш , гараву ҳадяҳои дар давоми ин машғулият ваъда мешудагӣ фаҳмидан мумкин аст , ки чистону чистонгӯӣ дар қадим мазмуни чуқури иҷтимой дошта аст . Вале бо мурури замон дар натиҷаи инкишофу такомули фикру ҷаҳонбинии мардум чистону чистонгӯӣ хусусияти иҷтимоии худро гум карда , ба як машғулияти худандармонкунӣ ва шавқангезе табдил ёфтааст .

Ҳоло чистонҳо дар корҳои тарбия ва таълими педагогии ҷавонон васеъ истифода бурда мешаванд ва саҳифаҳои китобҳои дарсӣ, хонишӣ адабӣ, рузномаву маҷаллаҳои бачагонаро зиннат медиҳанд. Муаллим ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки онҳо предмету ҳодисаҳои зиндагиро шуурона дарк намоянд ва ба одамон, олотҳои меҳнат, ҳайвонот ва олами мавҷудот бошуурона муносибат кунанад, оид ба предмету ашьёи имрӯза чистонҳо эҷод намоянд.

## REFERENCES

1. Н.Маъсумӣ. Фольклори тоҷик, саҳ. 106.
2. М.Пиров. Методикаи таълими жанрҳои фольклорӣ дар синфҳои 4-5 нашрёти «Маориф» Душанбе,1984.
3. М.Фозилов. Зарбулмасалу мақолаҳо дар тамсилу ҳикояҳо, Душанбе,1973.
4. Р.Амонов. Лирикаи халқии тоҷик, Душанбе, 1968.